# СУРАТҶАЛАСАИ № 20

## аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 12-уми сентябри соли 2024-ум ш.Хуҷанд

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Мирзоюнус Матлуба
2. Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф
3. Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович
4. Азимова Матлуба Нуриддиновна -
5. Ваҳҳобов Толиб
6. Ғаффорова Умеда Абдуллоевна -
7. Муродӣ Низомиддин
8. Насриддинов Фахриддин
9. Нуров Нуралӣ Норович
10. Расулов Суҳайлӣ (онлайнӣ)
11. Салимӣ Носирҷон Юсуфзода
12. Султонзода Тоҷибой
13. Файзуллоев Неъматҷон
14. Шокиров Туғрал Сироҷович (онлайнӣ)
15. Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна
16. Ҳамробоев Насимҷон Абдуллоҷонович

**Раиси Шуро:** д.и.ф., профессор Мирзоюнус Матлуба:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 5-уми июли соли 2024-ум, таҳти № 197/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 1 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 16 нафар ҳозирбудагон 5 нафар доктори илмҳои филологӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошанд.

Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

## РӮЗНОМА:

3. Баррасии хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ ва иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Мансурӣ Замира Мирзоализода** дар мавзуи **«Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) барои таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва муайян кардани санаи баргузории ҳимояи кушоди диссертатсия.

Оид ба рӯзномаи ҷаласа ягон фикру андешаҳо ҳаст? Агар набошад рӯзномаро ба овоз мемонам: тарафдор – 16 нафар, зид – нест, бетараф - нест.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси Шурои диссертатсионӣ баромад намуда, барои шинос намудани аъзои Шуро бо хулосаи комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ суханро ба раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова Умеда Абдуллоевна вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова Умеда баромад намуда, баён дошт, ки: "Ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Мансурӣ Замира Мирзоализода** дар мавзуи **«Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. - Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) диссертатсия ва автореферати корро мавриди омӯзиш қарор дода, дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии унвонҷӯ **Мансурӣ Замира Мирзоализода** барои ҳимоя қабул карда шавад.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Комиссияи тахшхисии назди Шуро диссертатсия ва автореферат ва интишороти унвонҷӯро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шунида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Мансурӣ Замира Мирзоализода** дар мавзуи **«Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. - Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. - Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Данғара".

**Муқарризи расмии дуюм – Мирсаидов Бахром Тоҳирович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.**

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Ғафворова Умеда Абдуллоевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- **Муродӣ Низомиддин** - доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- **Файзуллоев Неъматҷон-** - доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна** - доктори илмҳои филологӣ, профессор;
- **Ҳамробоев Насимҷон** - доктори илмҳои филологӣ, профессор;

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 27-уми ноябри соли 2024, соати 15 $^{00}$ таъйин карда шавад.
5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 16 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Мирзоюнус М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Ашрапов Б.П.